"Тасдиқ мекунам"
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
________Ибодуллозода А.И.
"__28__" ___11___ соли 2022

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба рисолаи номзадии Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна дар мавзуи « Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология» барон дарёфти дараҷаи илмии номзади илмхои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Бо маром афзудани мушкилоти экологӣ дар охирҳои асри XX ва оғози асри XXI байни ҷомеа ва табиат бисёре аз вазифаҳои навро барои муассисаҳои таълимӣ ва илми педагогика эҷод кардааст. Аз ин рӯ, бояд фаъолияти соҳа тарзе тарҳрезӣ карда шавад, ки воқеан ба насли дар мактаб таҳсилкунанда дар самти ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии онҳо кумак намуда, ба оқибатҳои таъсироти манфии экологӣ ғалаба намояд ва ин оқибатҳоро бартараф созад.

Ҳарчанд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатии марбут ба экология ва ҳифзи табиатро қабул карда аст рафъи воқеии мушкилот дар ин самт бо баланд бардоштани ҳисси масъулият ва маърифати шаҳрвандон барои ҳифзи табиат низ алоқаи зич дорад.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарине, ки дар назди низоми таълим ва тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вогузор шудааст, ин ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги

экологӣ ва шуури экологии хонандагон маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, аз ҷониби толибилмон омӯхтану дарк кардани табиат, манбаи захираҳои табиӣ, ҳамчун муҳити зиндагии инсон, манбаи барқарорсозии қувва ва саломатии ӯ, объекти донишҳои илман асоснок оид ба қонунҳои табиат ва истифодаи амалии онҳо маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, машғулиятҳои беруназсинфии экологии хонандагон бояд ба ҳаёт ва инкишофи мустақилияти эҷодии онҳо алоқаи зич дошта бошад.

Барои расидан ба мақсади таҳқиқот аз ҷониби унвонҷӯ **вазифаҳои зерин** муайян ва мавриди пажуҳиш қарор дода шудаанд:

1) омӯзишу таҳлили ҳолат ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъ дар адабиёту сарчашмаҳои фалсафӣ, педагогию дидактикӣ, умумибиологӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ;

2) таҳлили ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ, методӣ ва таҳияи амсилаи мавзуи “Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5–9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология”;

3) ҷустуҷӯ, дарёфт ва таҳияи роҳу усулҳои амалисозии ҷанбаҳои илмӣ, назариявӣ ва методии “Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5–9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология”;

4) аз нигоҳи педагогию дидактикӣ ва методӣ муайян намудани роҳу усулҳои самарабахш ҷиҳати ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ;

5) коркарди натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқот: озмоишҳои педагогӣ, санҷишу муайян кардани маълумоти оморӣ-математикӣ оид ба амсилаи таҳқиқот дар синфҳои 5-9 -и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Масъалаҳои мафҳуми фарҳанги экологӣ аз тарафи олимону муҳаққиқони тоҷик Р.Забиров., М.Саидов., Н.Давлатов., Ҳ Абдуллозода., М . Шарипов., С.С .Мирзоев., М .Досаков., Н .Эргашов ва дигарон аз нигоҳи педагогию дидактикӣ тавсифу таҳрезӣ гардидаанд.

Заминахои идтимоӣ-педагогӣ ва психологии фарҳанги экологӣ дар асарҳои Н.Н. Моисеев., Урсул А.Д. ва Данилова В.И.

М .Л утфуллозода. Ф., Шарифзода, А.Мирализода, А.Нуров. Қ. Қодиров ва дигарон мавриди омӯзиш карор гирифтаанд.

**Фарзияи таҳқиқот:** ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои берунazсинфию беруназмактабӣ аз биология ҷиҳати рушди маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 ба шарте мусоидат менамояд, ки агар:

– мазмуну мундариҷаи сохтори машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ҳамчун ҷузъи таркибию идомаи дарсҳои муқаррарии ҷараёни таълиму тадриси хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз нигоҳи педагогию дидактикӣ ва методӣ тарҳрезӣ ва муайян карда шавад;

– роҳу усулҳои истифодаи самараноки фаъолгардонӣ ва ташаккули табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифати экологии хонандагон дар заминаи машғулиятҳои берунасинфию беруназмактабӣ, тибқи талаботи педагогию дидактикӣ ва методӣ амалан коркарду баррасӣ карда шаванд;

– роҳу усулҳои амалисозии “Модели таҳқиқот оид ба фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологии хонандагон дар ҷараёни ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ таҳия ва татбиқ карда шавад.

**Навгонию навовариҳои таҳқиқот чунин арзёбӣ мегарданд**:

1. Модели илмӣ-назариявӣ ва методию амалии мавзуи таҳқиқотӣ доир ба “Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5–9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология”-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коркард ва аз ҷиҳати амалӣ асоснок карда шуд;

2. Муайян карда шуд, ки барои фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологии хонандагон системаи яклухти ҷараёни таълим, ягонагию боҳамалоқамандии самтҳои мундариҷавии таҳқиқот мавҷуд набуда, ин раванд ҷараёни мунтазами муаррифию арзёбӣ, тарҳрезӣ ва муратгабсозии технологияҳои навро талаб менамояд;

3. Нақш ва мақоми методҳои гуногуни таълим, шаклҳои ташкилии раванди таълим, аз ҷумла машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ дар фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологӣ, инкишофи фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон аз сикли фанҳои умумибиологӣ муайян ва арзёбӣ гардид.

4. Дар ҷараёни гузаронидани мушоҳидаҳо, озмоишҳои педагогӣ, саволнома-анкетаҳо, корҳои хаттӣ-санҷишӣ, омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ аз сикли фанҳои умумибиологӣ мазмун ва мандариҷаи машғулиятҳои намунавӣ барои гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ таҳия карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз ҷустуҷӯ ва дарёфти ҷанбаю самтҳои вобаста ба таҳия ва асосноккунии модели назариявӣ ва сохтори технологии фаъолгардонӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангӣ, инкишофи фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодии хонандагон дар заминаи ягонагии самтҳои мундариҷавӣ, рушди бемайлони донишҳои экологӣ, кишваршиносию умумибиологӣ, самтҳои муаррифию арзёбӣ, яъне аз таҳлили мафҳуми "маърифати экологӣ", роҳу усулҳо, методҳо ва меъёру ташаккули ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5–9 - и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои берунаэсинфию беруназмактабӣ, фаъолияти педагогию касбии омӯзгорон ва аз ҷониби онҳо интихоб ва самаранок истифода намудани шаклу усулҳои таълими анъанавӣ ва методҳои муосири раванди таълим, аз ҷумла истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бо назардошти навоварии раванди таълиму тадрис, аз сикли фанҳои умумибиологӣ иборат мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаҳои умумию пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Шумораи адабиёти истифодашуда ба 200 адад расида, ҳаҷми умумии диссертатсия дар 167 саҳифаи чопи компютерӣ таълиф шудааст.

Асосҳои илмӣ-методологии ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои берунасинфӣ ва берунамактабӣ аз биология” аз 3 зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум«Ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-9» вобаста ба масъалаҳои глобалию умумибашарӣ, аз ҷумла мушкилоти вазъи экологии сайёра, ба монанди гармшавии иқлим, хушксолӣ, ифлосшавии таркиби атмосфераи ҳаво, обшавии пиряхҳо, афзудани бемориҳои сирояткунанда, ба биёбонҳо мубаддалшавии ҷангалзору бешазорҳо, таъсири омилҳои антропогенӣ ба муҳиту табиат мавриди омӯзиш, таҳлил ва тарҳрезӣ қарор дода шудаанд.

Мафҳуми фарҳанги экологӣ аз тарафи олимону муҳаққиқони берунмарзӣ Н.Н. Моисеев., А.Д .Урсул., ва В.И. Данилова., ҳамчун ҷузъи фарҳанги инсоният, олимони ватанӣ: Р. Забиров., М. Саидов.,

Н. Давлатов., Ҳ. Абдуллозода., М. Шарипов., С.С. Мирзоев.,

М. Досаков., Н. Эргашов ва дигарон аз нигоҳи педагогию дидактикӣ тавсифу таҳрезӣ гардидааст.

Ҳамин тавр, дар замони муосир мафҳуми фарҳанги экологӣ таърифи ягона ва мушаххаси худро надошта бошад ҳам, қариб ҳамаи нуктаҳои назар ба якдигар мазмунан наздиканд.

Таҳти фарҳанги экологӣ шуури ягонаи экологиро мефаҳмем, ки дар ҳолатҳои равонӣ-психологӣ ва фаъолиятҳои амалии шахсият таҷассум меёбад.

Муҳаққиқ фарҳанги экологиро таҳқиқ намуда, дар он аломатҳои зеринро ҷудо менамояд:

– мавҷудияти маълумот ва шуури экологӣ, кӯшидан дар ҷодаи ҳифз ва беҳдошти муҳити табиӣ, ки сабаби мавҷудияти ҳаёт ва махсусан инсоният мебошад;

– қобилияти истифода намудани донишҳои экологӣ дар амал ва ҳаёти ҳамарӯза;

– маҳорати дарк ва дарёфти проблемаи экологии ба миёномада ва ҷустани роҳҳои ҳал ва бартарафнамоии он.

Дар боби дуюми диссертатсия, **“Технологияи муосири машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии синфҳои 5-9 дар ҷараёни омӯзиши фанҳои умумибиологӣ”** , ки аз 3 зербоб иборат мебошад нақши донишҳои экологӣ, ҷой ва мақоми машғулиятҳои беруназсинфӣ (маҳфилҳои фаннӣ ва ғ.) ва машғулиятҳои беруназмактабӣ (маводи кишваршиносӣ, экскурсия ва ғ.) ва натиҷаҳои ниҳоии озмоишҳои педагогӣ аз нигоҳи педагогию дидактикӣ тавсифу баррасӣ гардидаанд.

Дар зербоби якуми боби дуюм«Нақш ва мақоми донишҳои экологӣ дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва маърифату фарҳанги экологии хонандагон» дар заминаи талаботи педагогию дидактикӣ амалисозии амсилаи таҳқиқот ва ҷанбаҳои мундариҷавӣ тавсиф гардидаанд.

Такмилу азнавсозии мундариҷаи ҷанбаҳои омӯзиши сикли фанҳои зистшиносӣ, тавассути рушду инкишофи донишҳои экологӣ, боиси ташаккули равандҳои илмӣ, ҷаҳонбинӣ, методологӣ, амалию эмотсионалӣ, бомаром рушду инкишофи ҳисси табиатдӯстӣ, маърифатию фарҳанги экологӣ мегарданд.

Асосҳои методологӣ, педагогию психологии тарбия ва маърифати экологии хонандагон дар таҳқиқоти С. Акрамов, С.А. Глазачев, А.Н. Захлебный, И.Д. Зверев, С.С. Мирзоев, А. Раҳимов, А. Ҳалимов, И.Т. Суравегина, М. Саидов, А. Давлатов, Р. Забиров, АА. Эргашев тавсифу баррасӣ гардидаанд.

Унвонҷӯ барои таҳлилу натиҷаҳои озмоиш вазифаҳои зеринро муайян ва ҳал намудааст: дар таҳқиқоту озмоишҳои педагогӣ масъалаи ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ дар раванди омӯзиши сикли фанҳои зистшиносӣ

(ботаника, зоология, анатомия, физиология, беҳдошти саломатӣ ва экология) мавриди омӯзишу коркард қарор додааст.

Мақсад, мундаричa ва усулҳои ҳар як марҳилаи тадқиқотро унвонҷӯ ҳангоми кори таҷрибавӣ-озмоишӣ истифода бурда, натиҷаи онро тавассути ҷадвалҳо инъикос намудааст.

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ унвонҷӯ ба хулоса омадааст. ки барои ташаккули шавқу завқ ва ҳисси табиатдӯстии хонандагон ба аломату нишонаҳои фаъолиятнокӣ, аз ҷумла тазаккурӣ-воқеӣ, тасвирӣ–ҷустуҷӯию эҷодӣ, гузориш аз ҳолати вазъият ё шароит ба устувор, аз оморӣ ба васеъ, минбаъд шавқу завқи асосӣ ё умда бартарии ҷузъҳои шавқу завқ дар ҳар як марҳилаи инкишоф, яъне пуртаъсир, маънавию зеҳнӣ ва иродавӣ вобаста мебошанд.

Ҷузъҳои мундариҷавии фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологии хонандагон, дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназдинфию беруназдмактабӣ дар доираи талаботи барномаҳои таълимии сикли фанҳои умумибиологӣ ва инчунин, компоненти маънавию зеҳнӣ алоқаманд ба кӯшишҳои толибилмон ба омӯзиши ҷараёнҳо ва ҳодисаҳои биологӣ, ҳалли масъалаҳои гузоштaшуда, самимона ба қаъри ҳодисаҳою донишҳои биологӣ, воридшавӣ, афзудани ҷараёни фаъолият ва муносибатҳои мусбиат-ҳиссиётӣ, аммо ҷузъи иродавӣ боиси кушоиши мустақилона азхуд намудани дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон мегардад.

Муҳаққиқ таҳқиқоти илмии худро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №18,19,39,5,37,32,-и н. Фархори минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидааст.

Дар мавриди гузаронидани таҳқиқоту озмоишҳои педагогӣ, яъне анкетапурнамоӣ 1367 нафар хонандагон ва 101 нафар омӯзгорону мутахассисон, аз ҷумла 42 нафар омӯзгорони ҷавони бо собиқаи кории то 5 сол, 37 нафар омӯзгорони бо собиқаи кории беш аз 10 сол ва, ҳамчунин, 22 нафар мутахассисонеро, ки ба ҳайси роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, шуъбаҳои маориф ва илм, омӯзгорони дорои тахассуси баланд фаъолият

мекардаанд, фаро гирифта шудаанд.

Рисола бо забони илмӣ, фаҳмо таҳия гардида, дар он масъалаҳо пайдарпай баррасӣ ёфта, натиҷаҳои ба дастомада баёнгари онанд. ки унвонҷӯ дар атрофи мавзуи интихобгардида аз оғоз то анҷоми таҳқиқот ҷиддӣ кор бурдааст. Ба хотири инъикоси хубтари мавзуъ унвонҷӯ дар рисолаи хеш аз диаграммаҳо ва ҷадвалҳои шарҳдиҳанда вассъ истифода намудааст.

Муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиони худро, ки мазмуни асосии таҳқиқотро ифода мекунанд, бо теъдоди 17 мақолаи илмӣ: 5 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 дар маводи конференсияҳо ва 3 номгӯй дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз ғалатҳову норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо бар суди кори унвонҷӯ хоҳад буд:

1. Муаллифи рисола бо вуҷуди он ки оид ба ташаккули маърифати экологии хонандагон дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ маълумотҳои зиёде ҷамъ оварда, механизми татбиқи онро нишон додааст. аммо вазъи омодагии техникии муассисаҳои таълимиро баррасӣ накардааст.
2. Муаллифи диссертатсия оид ба ташаккули маърифати экологии хонандагон маълумоти зиёд додааст, вале дар ин росто бисёр хуб мешуд, агар довталаб роҷеъ ба ҷойгоҳ ва нақши васоити ахбори умум, ба вижа, оид ба таъсиргузор будани телевизиону интернет, ки дар шароити имрӯза дар шакл гирифтани ахлоқу маърифати экологии насли наврас ва ҷавонон аз ҳама бештар мусоидат мекунанд, андеша ва хулосаҳои худро манзур мекард ва бад-ин васила арзиши илмиву амалии таҳқиқоти худро бештар мекард.
3. Истифодаи адабиёт бо забони тоҷикӣ доир ба мавзуъ нисбат ба забонҳои дигар камтар ба чашм мерасад.

4. Дар рисола баъзе ғалатҳои грамматикӣ, имлоӣ, техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат хоҳад кард.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмиву амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ халали ҷидди ворид намесозанд.

ХУЛОСА

1. Тахассуси илмии довталаб Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мутобиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна дар мавзуи “Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Тоҳирҷон мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 14 нафар устодону омӯгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 14 нафар, "бетараф" - нест,

"муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 23.11.2022, №10).

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Мансурова Ҷ.С.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ — Самиев Т.А.

Котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ — Арбобова Ф.

28.11.2022

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, +992(918) 65 71 94; E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj

*Имзои Ҷ.С. Мансурова, Т.А. Самиев ва Ф.Арбобоваро тасдиқ мекунам.*

*Сардори РК ва КМ ДДОТ ба номи С. Айнӣ* — Мустафозода А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС